КАЪБАИ УМЕДИ МО ХАЛҚ АСТУ БАС!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

НАШРИ МАХСУС

► E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

№ 1 (327), 29 январи соли 2019

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



# МУРОҶИАТНОМАИ

***Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон ба сокинони вилояти Хатлон, ҷиҳати мусоидат дар татбиқи самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ***

**Сокинони сарбаланди вилояти Хатлон!**

**Аъзо ва ҷонибдорони Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон!**

Бароямон боиси ифтихор ва сарбаландӣ аст, ки нахустин шумораи нашри махсуси нашрияи "Ҳамрози халқ"-ро ба Шумо пешниҳод менамоем. Ҳадаф аз роҳандозии ин иқдом баланд бардоштани сатҳи мафкураи сиёсии мардум ва пур кардани холигоҳи идеологии ҷомеа буда, матолиби дар он нашршуда пеш аз ҳама ба ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳар як шаҳрванд аз таҳоҷуми тӯфони хатарҳои ҷаҳони муосир мебошад.

Набояд фаромуш сохт, ки миллати тоҷик баъди ҳазорон соли бедавлатӣ соҳиби давлат гардида, ҳамакнун дар баробари мардуми соҳибватани олам сарбаландона аз доштани Ватани маҳбуб меболад. Тавре медонем, харчанд замоне бадхоҳони миллат кӯшиданд Тоҷикистонро аз байн бурда, миллати тоҷикро дубора сарафкандаву беватан созанд, аммо тирашон хок хӯрд. Фарзанди барӯманди тоҷик – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вуҷуди миллат нанги ватандориро ба ҷӯш оварда, халқи парокандаро атрофи ғояҳои бунёди давлатдории миллӣ муттаҳид кард. Бар пояи ин сиёсати созанда чун ба имрӯзи Тоҷикистон менигарем, фардои дурахшон пеши назарамон меояд. Имрӯз Тоҷикистони азизро бо иқдомҳои сатҳи ҷаҳонии сарвараш ва нангу номуси миллии мардумаш, ки ба ҷаҳониён дарси сулҳу созандагӣ медиҳад, мешиносанд ва эътироф намуда, эҳтиромашро ба ҷо меоранд. Аз ин рӯ, вазифаи насли имрӯза аз он иборат аст, ки бо дарки масъулияти баланди ватансозӣ бо кору амали ватандӯстонааш рӯҳи гузаштагонро шод намуда, барои ояндагон кишвари ободу осударо ба мерос гузорад. Дар ин ҷода моро мебояд баҳри пойдории давлатдории миллӣ, ки ба иттиҳоду ягонагӣ, сулҳу суботи сартосарии ҷомеа, заҳмату кӯшиш баҳри таъмини пешрафти кишвар асос ёфтааст, талош варзида, алайҳи ҳама гуна ҳизбу ҳаракат, ки тухми зуҳуроти номатлубро, амсоли терроризму экстремизм, ноором иро ба вуҷуд овардани ҳисси нобоварии мардум дар ҷомеа коштанӣ мешаванд, мубориза беамон барем, насли воқеан ояндасоз, ки барояш манфиатҳои миллӣ аз ҳама гуна манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ боло бошад, тарбия намоем.

Аз ин рӯ, ба ҳар яки Шумо эҳтиромона муроҷиат намуда, даъват ба амал меоварем, ки:

-Масъулияти шаҳрвандии худ донем, ки новобаста аз касбу кор, шуғл, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра вазифаи худро аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяну мушаххас ва амалӣ намоем;

-Нерӯи баркро сарфаву сарриштакорона истифода барем ва бо ҳамин роҳ нафақат ба буҷаи оилавии худ фоида орем, балки дар таъмини истиқлолияти комили энергетикии Тоҷикистон саҳми беандозаи худро гузорем;

-Ба муқобили ҳама гуна таассуби динӣ ва хурофотпарастие, ки дину арзишҳои воқеии инсониро таҳриф менамоянд ва марҳила ба марҳила одамро ба нодонию вобастагии ақидавӣ гирифтор менамояд, мубориза барем;

-Бо роҳи дуруст муносибат кардан ва дуруст баҳо додан ба арзишҳои динӣ маънавиёти ҷомеаро солим нигоҳ дорем;

-Аз бегонапарастиву майл ба фарҳанги бегона ҳазар карда, ҳуввияту асолати миллии хешро ҳифз намоем;

-Аз технологияи муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ дуруст истифода бурда аз хатарҳои марбут ба истифодаи нодурусти онҳо худро эҳтиёт кунем;

-Дар атрофи худ муҳити зиддикоррупсиониро ба вуҷуд оварда, ба муқобили коррупсия бо роҳи ташаккули мафкураи зиддикоррупсионӣ мубориза дастҷамъона барем;

-Моҳияти хизмат дар сафи артиши миллиро ҳамчун мактаби ҷасорату мардонагӣ ва омили асосии нигоҳ доштани сулҳу суботу амнияти кишвар дарк намоем;

-Қонунҳои миллиро риоя намуда, худро аз банди хурофоту ҷаҳолат бираҳонем ва дар ин замина корҳои хайру сахоро ба хотири рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеа дуруст сафарбар созем;

-Ба соҳибкорӣ, хоҷагидориву кишоварзӣ ва корҳои хонагию ҳунарҳои мардумӣ бештар рӯ оварда, шиддати бекориро паст намуда ба рушди сайёҳӣ мусоидат намоем;

-Урфу одат ва анъанаҳои неки мардумиро дар роҳи созандагиву бунёдкорӣ татбиқ намоем ва амсоли инҳо.

Хонандагони азизи нашрияи "Ҳамрози халқ"! Мо ба нерӯи созандаи Шумо боварии комил дорем. Зеро Шумо фарзандони миллате ҳастед, ки ҳазорсолаҳо дунёро идора карда, ду бор ба ҷаҳониён тамаддун додааст. Мо миллати тавоноем ва бо нерӯи зеҳниву ҷисмонии худ қодирем дар якҷоягӣ Тоҷикистонро ба ободтарину амнтарин кишвари дунё табдил диҳем. Зеро мо миллати бофарҳангу соҳибтамаддунем.

***Бо эҳтиром, Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон.***

НАЗАРИ ХОС

# ХУДРО АЗ ФИТНАВУ ДАСИСАҲОИ ГУРӮҲҲОИ ИФРОТИИ ДАР ТОҶИКИСТОН МАМНУЪ ЭМИН НИГОҲ ДОРЕД!



**Абдулло РАҲМОНЗОДА,**
**раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ**
**дар вилояти Хатлон**

Вақтҳои охир гурӯҳҳои ифротӣ, аз ҷумла ТТЭ ҲНИ бо мақсади будани худашро дар саҳнаи сиёсӣ нишон додан ва бо андешаи мардум бозӣ кардан тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ҳар гуна дасисаву фитнаҳоро роҳ андохта истодаанд. Дар айни замон боре воқеиятро ёдовар мешаванд, ки кӣ будаанду аз куҷо омаданд ва чи бадбахтиҳоеро ба сари мардум оварданд.

Воқеият ин аст, ки пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишварҳои мустақили минтақаи Осиёи Марказӣ, фазои холии идеологӣ ба вуҷуд омада, ихтилоф дар байни ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни навзуҳур зери шиорҳои демократияву озодӣ ва дину мазҳабу фирқаву маҳал рӯ ба афзоиш овард.

Тақвият ёфтани ташкилотҳои радикалии исломӣ ва террористӣ, ки истифода аз эътиқоди динӣ, тарсондан ва хушунатро ҳамчун як воситаи муҳим барои татбиқи манфиатҳои худ пайгирӣ мекарданд, боиси нигарониҳои ҷиддӣ гашт. Наҳзатиҳо ҳам дар ҳамин ҷо ҳизб ташкил карда, ба хотири расидан ба қудрат роҳи аз ҳама осонашро интихоб карданд: хиёнат ба миллат ва такя ба хоҷагони хориҷӣ. Ҳамин тавр оғоз ёфт ҷанги бародаркуш дар Тоҷикистон ва чи бадбахтиҳо овард, ҳама медонанд...

Имрӯз дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 17 ташкилоти террористиву экстремистӣ: "Ҳизб-ут-таҳрир", "Ал-Қоида", "Ҳаракати исломи Туркистони шарқӣ", "Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон", "Ҳаракати исломии Ӯзбекистон", "Толибон"-и Афғонистон, "Бародарони мусалмон"-и Миср, "Лашкари Тайиба"-и Покистон, "Ҷомеаи исломии Покистон", "Ҷамоати таблиғ", ташкилоти динӣ-миссионерии "Созмони таблиғот", "Тоҷикистони озод", "Ҷамоати ансоруллоҳ", "Салафия", "Гурӯҳи 24", "ДОИШ" ва "Ҷабҳат-аннусра" манъ карда шудааст.

Коршиносон ба ин назаранд, ки ҳамаи ин ҳизбу ҳаракатҳо дорои як манбаву сарчашма буда, усулҳои фаъолияташон низ як умумият дорад – нооғом кардани авзои сиёсии давлатҳо, сӯистифода аз бовариҳои динӣ, ба вуҷуд овардани тафриқаи иҷтимоӣ, мубориза ба фарҳангу асолати қадимаи миллатҳо, гумроҳсозии ҷавонон ва ба муқобили насли калонсол шӯронидани онҳо, бераҳмӣ, қатлу куштор, даҳшатафканӣ, фиребу фирефта кардани ҷомеа ва ғайра. Паёмади амалҳои ин гурӯҳҳои террористӣ аллакай тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ваҳшатзада кардааст – таркиш дар кӯчаҳо, бозорҳо, даруни нақлиёт ва ҳатто дохилу минбари масҷидҳо...

Тавре дар боло ишора рафт, аз оғози ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба яке аз мушкилоти ҷиддиву тақдирсоз-таъмини амнияти минтақавӣ ва миллӣ дучор гардид. Авҷи хатари терроризм ва экстремизм ин ҳодисаҳои марбут ба ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвари мо дар солҳои 1992–1997 мебошанд. Маҳз фитнаҳои Ташкилоти экстремистиву террористии ҲНИ ва фирефта шудани ҷавонон ба иғвоҳои онҳо боис гардид, ки ба ҳисоби расмӣ 160 000 сокини кишвар ҳалок шуда, ҳазорҳо нафар кӯдакон ятим гаштанд, ҳазорҳо нафари дигар аз гуруснагӣ ва истеъмоли ҳар гуна донагиву гиёҳҳо ба ҳалокат расиданд. Миллионҳо нафар сокини осоишта гуреза шуда, қисме дар Афғонистон ба доми гурӯҳҳои ифротӣ афтода, нобуд гардиданд. Иқтисодиёти кишвар ба сифр баробар шуд, умеди ҷомеа аз ояндаи босаодату дурахшон канда шуда, халқ сарсону саргардон ба гуреза гашт, одамкушӣ ба мисли куштани ҷорво ба як амали маъмулӣ табдил ёфт...

Бо вуҷуди ҳамин гуна таҷрибаҳои талхи ҳаётӣ ҳанӯз ҳам ҳастанд бадхоҳони миллат, ки дини мардумро бар зидди мардум истифода бурдан мехоҳанд ва тавре тарғиб мекунанд, ки бо сӯистифода аз дин мардумро зидди давлату зидди ҳамдигар шӯронанд. Аммо миллати тоҷик ин фиребро дубора намехӯрад. Аллакай сокинон раванди ҳодисаву воқеаҳо ва ҳамзамон тағйиротҳоро дар сиёсати ҷаҳонӣ бо чашми сар дида истодаанд. Мардум тафаккури таҳлилӣ дорад ва таҳлил мекунад, ки агар солҳои 1943-1988 дар кишвари мо ҳамагӣ 17 масҷид амал мекард, ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 масҷиди марказӣ, 325 масҷиди ҷомеъ, 3 ҳазору 334 масҷидҳои панҷвақта мавҷуд аст. Ба ҳисоби миёна ба 2 ҳазор нафар аҳолӣ 1 масҷид рост меояд.

То соли 1990 мусулмонони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ танҳо дар мадрасаи Мири араби Бухоро ва Донишкадаи олии исломии Тошканд имкони таҳсилоти динӣ гирифтан доштанд. Соли 1990 дар ин ду муассисаи таълимии динӣ аз ҷумҳурии мо ҳамагӣ 27 нафар донишомӯз таҳсил мекард. Ҳиссаи (квотаи) мусалмонони ҷумҳурии мо дар ин муассисаҳои таълимии динӣ хеле ночиз буд ва аз ин рӯ, то замони истиқлол дар байни мусалмонони кишвар шумораи уламои хатмкарда (дипломдор) ангуштшумор буданд. Ҳоло танҳо дар Донишкадаи олии исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам беш аз 1,5 ҳазор донишҷӯ таҳсил менамояд. Дар назди Донишкадаи мазкур гимназияи исломӣ фаъолият дошта, дар он қариб 700 нафар толибилм ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Агар дар тӯли беш аз 70 соли салтанати шӯравӣ ҳамагӣ 30 шаҳрванди мо фаризаи ҳаҷро анҷом дода бошанд, дар давраи истиқлолият ҳазорон мусалмонони Тоҷикистон бо истифода аз ҳуқуқу озодиҳои худ ба мартабаи ҳоҷигӣ расиданд ва ҳатто баъзеашон 6-7 маротиба ҳаҷ карданд. Дар як сол аз давлатҳои ИҶШС ҳамагӣ то 10 нафар ба маросими ҳаҷ рафта метавонистанд. Ҳоло танҳо аз Тоҷикистон ин шумора беш аз 5000 нафар дар як сол аст.

Бо назардошти ин ва дигар нишондодҳое, ки мардум бо ақли худ дарк кардаанд, дигар ин гурӯҳҳои ифротӣ сокинони Тоҷикистонро фирефта карда наметавонанд. Чанд ҷавони бетаҷрибаеро ҳам, ки гурӯҳҳои террористиву экстримистӣ гумроҳ кардаанд, бовар дорем, аз чунин ҳаёти дарбадариву сарсонӣ ва ҳамчун хоин ном баровардан садҳо бор безор шудаанд. Ин бадбахтҳо ҳоло раҳгум задаанд, ки чи кор кунанд – агар солҳои навадум бо лақаби "вовчик" ном бароварда буданду мардумро дар дохили дину кишвар ба ду сангари муқобил ҷудо намуданд, ҳоло мехоҳанд бо лақаби "босмачӣ" ном бароранду миллатро дар сангарҳои ба ҳамдигар муқобили мафкуравӣ қарор диҳанд. Дар маҷмуъ босмачиҳо аз давлати манғитҳо ҳимоя мекарданд ва он чанд ҷавони тоҷикро ҳам "кофир меоянд" гуфта гумроҳу фирефта сохта, тавре вонамуд карданд, ки гӯё босмачӣ ҳомии ислом бошад. Дар асл бошад, маҳз шикасти босмачиён боис гардид, ки дар оянда тоҷикон соҳиби давлатдории миллии худ гарданд. Вагарна тасаввур кунед чи ҷаҳолат дар аморати манғитҳо буд? Маълум мешавад, ин бадбахтон "Ёддоштҳо"-и Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айниро дуруст мутолиа накардаанд. Агар карда бошанд ҳам, ошкоро гуфта наметавонанд, ки эшон ҳамакнун ба бозичаи дасти гурӯҳҳои манфиатхоҳи берунӣ табдил ёфтаанд, ки мақсадашон дубора ҳудудҳои Тоҷикистони имрӯзаро ба "Туркистони бузург"-е, ки пантуркистон садсолаҳо орзуяшро дар дил мепарваранд, ҳамроҳ созанд. Яъне дар пешорӯи таҳаввулот ва хатарҳои бузурги ҷаҳонӣ ин хоинон тарафи душманони миллати тоҷикро гирифтаанд ва амалан ба душмани миллат табдил ёфтаанд.

Онҳо мехоҳанд моро ғофилгир созанд, аммо миллати тоҷик ба ин таҳаввулот омода аст. Бояд қайд намоем, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моро аз вазъияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хатарҳои он ба истиқлолияти давлатӣ ҳанӯз соли 2006 дар китоби худ "Тоҷикон дар оинаи таърих" хушдор дода буданд. Дар ин китоб ҷомеаи ҷаҳонӣ ва хоса миллати тоҷикро аз терроризму экстремизм, вусъати бесобиқаи бархурди манофеи абарқудратҳо барои аз нав тақсим кардани ҷаҳон, низоъҳои ақидавию мазҳабӣ, ифротгароии динӣ, тарғиби ғояҳои тахрибкориву зӯроварӣ ва ҷангу куштор (кибертерроризм), инқилобҳои ранга, терроризми генетикӣ, ки ҳамаи ин аз заиф шудани вазъи ҳуқуқи байналмилалӣ шаҳодат медиҳад, бохабар сохта буданд.

Ҳамзамон, бо ишора ба бетарафӣ зоҳир намудани ҷомеаи ҷаҳонӣ дар пешгирӣ аз афзоиши рӯзафзуни хатарҳои ҷаҳонӣ дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) чунин омадааст: "...Вақтҳои охир дар ҷаҳон раванди бартариҷӯӣ, мусаллаҳшавии бошитоб, пайдоиши нишонаҳои марҳалаи нави "ҷанги сард" боиси нигаронӣ гардидааст". Ин эродҳои ҷиддӣ то андозае симои воқеии бархурди манфиатҳоро ошкор месозад.

Агар ба таҳқиқ ба гуфтаҳои боло бингарем, аз ҷониби дигар ин хушдор ба мо мардуми кишвар низ ҳаст, то бо ибратомӯзӣ аз таҷрибаи талхи давлатҳои Ғарбу Шарқ (Украина, Ироқ, Миср, Сурия...) ва талхтарин таҷрибае, ки худ аз ҷанги шаҳрвандии солҳои навадум бардоштем, дар мовароӣ ин бархурдҳо зирак бошем ва дӯстро аз душман фарқ карда тавонем.

Имрӯзҳо аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ Кабирӣ кӯшиш мекунад худро мазлум нишон диҳад. Аммо дар асл золим аст! Чи гуна? Тавре медонем, ТЭТ ҲНИ моҳи сентябри соли 2015 бо ҷамъе хоинон кӯшиш карданд дубора сенарияи солҳои навадуми асри гузаштаро дар Тоҷикистон такрор кунанд – сенарияи мудҳише, ки устодони хоинаш ба анҷом расонида натавонистанд.

Дар охир аз Шумо ҳамватанони гиромӣ даъват ба амал меорам, ки биёед дар якҷоягӣ бар зидди терроризм мубориза барем ва суботу оромии кишварро ҳифз кунем!

Биёед нугузорем, ки бадхоҳони миллат Тоҷикистони сарсабзу зеборо ба Афғонистону Сурияи дигар табдил диҳанд!

Биёед бар пояи дастуру ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат Ватанамонро ободтар созем!

# НАГӮЯМ НАМЕШАВАД...

***(муроҷиат ба наҳзатиён ва дигар гурӯҳҳое, ки имрӯз аз босмачӣ идеал сохтаниаанд-"ҲХ")***



Босмачиҳои навбаромад киҳоянд ва чаро босмачӣ шуданд?! Медонам бадам мебинед, боз бадтар хоҳед дид. Лекин бояд гӯям.

Як дӯсту бародар дорам журналист ва куханшиноси шинохта. Номаш Ҷонибек Асрориён. Ҳамин мард ҳанӯз аз рӯзгори шӯравӣ перомуни босмачиҳо пажӯҳиш мекарду беҳтару бештар аз ҳамаи тоҷикони имрӯзӣ ин равандро омӯхта аст ва медонад. Ҳафтавори СССР аз нахустин шумора ҳамеша пайгирии равияи босмачигариро мекунад. Ҳеҷгоҳ нигоҳи мардум ба босмачӣ яксон набуд.

Аммо, вале, лекин чаро имрӯз босмачӣ ҳамагонӣ шуд??? Ҳама босмачӣ шуданд???

Гӯсола шудан бас будагист!!! Пеш аз оне, ки солҳои 90-ум Тоҷикистонро ба хун кашанд, дар Россия ҳизби наҳзати ислом сохта, филиалашро дар мо кушоданду куштанд 200 000-и моро. Пеш аз оне, ки гурҷиҳоро ба хун кашанд, ҳамаашонро "вор в законе" сохтанд, пеш аз оне, ки Украина хунин шавад, "бандеровтси" карданд.... Ва сад чизи дигар меорам, ки афсӯс мардии шунидану тан гирифтан надоред.

Имрӯз босмачигарии шумо дасти душмани аслиро сари тоҷик боло мекунад. Шумо номардона болои мардуми худ шамшери аҷнабиро бараҳна мекунед. Фардо Квачкови дигаре барои пахши шӯриши босмачиҳо сари Тоҷикистон нозил мешавад. Ва шумо магасҳо боз лошаашро 70 ба 30 пора мекунеду талошак мекунед. То имрӯз ҷонибдори босмачӣ будам ва сар карда аз имрӯз аз ин бӯи бад нафрат дорам.

Бигӯед чӣ гуна шумо босмачиҳоро гумоштаи разведкаи русӣ нашумурам??? Бигӯед чаро нагӯям, ки ба чанд танга доред Сарзамини маро мефурӯшед??? Босмачиҳотон ҳам ранги худатон ватанфурӯши туркгаро буданд.

***Аз саҳифаи фейсбукии Сафват Бурхонов***

# ВАЗИФАҲОИ СОКИНОН АЗ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сокинони кишвар баёни воқеияти Тоҷикистон дар гузаштаву таҳлили авзои ҳозира ва маҷмуи вазифа ва дастуру ҳидоятҳои созанда барои рушди босубот дар оянда аст.

Ба андешаи мо мақсади ироаи Паём аз он иборат аст, ки ҳар сокини ин кишвар вазифаи худро аз он дар роҳи давлатсозию ватандорӣ ба таври амиқу дақиқ муайян ва дар амал татбиқ созад. Агар дурусттар ба моҳият ва мантиқи Паёми Пешвои миллат аҳамият диҳем, дар он роҳ ҳалли тамоми мушкилоти на фақат ҷамъият, балки ҳар фард дар алоҳидагӣ нишон дода шудааст. Масалан, агар имрӯз бекорӣ, надоштани шуғли доимӣ ва монанди ин ба проблемаи асосии як қишри ҷомеа мубаддал гашта бошад, пас метавон онро низ тибқи нишондодҳои Паём ҳаллу фасл намуд.

Дар Паёми Пешвои миллат масъалаҳо дар доираи тақрибан 15 самту соҳаҳои муҳимми ҷомеа – молия, бунёдро ба роҳ монем;

7. Ба баланд гардидани маърифати экологӣ аз ҳар ҷиҳат аҳамияти аввалиндараҷа дода, дар покизагии муҳити атроф ва истифодаи дурусти қуттиҳои партов саҳм гузорем;

8. Корҳои хайру савоб ва маъракаҳои суру азодории ғайриқонунӣ пешбининашударо ба ободонии маҳал ва такмил додани инфрасохтори иҷтимоиву сайёҳӣ, пеш аз ҳама инфрасохтори соҳаҳои маорифу тандурустӣ сафарбар намоем;

9. Ҳунармандӣ ва корҳои хонагиро ривоҷу равнақ бахшида, барои сайёҳон армуғонҳои ҷолиб пешниҳод кунем;

10. Фарзандони худро ба илмомӯзӣ тарғиб карда, ҷиҳати бедор кардани тафаккури эҷодии онҳо ва ихтироъту навовариҳо чораҳои зарурӣ андешем;

11. Бо назардошти иқдоми Пешвои миллат дар самти устувор сохтани мавқеи фарҳангии миллати тоҷик ва ба феҳристи умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид намудани мусиқии Фалак, ёдгории Ҳулбук ва ҷашнҳои Меҳргону Сада дар эҳёи ҷашну суннатҳои ниёгон саҳм гузорем;



саноат, иқтисод, энергетика, нақлиёту коммуникатсия, кишоварзӣ, экология, сайёҳӣ ва рушди деҳот, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, занону ҷавонон, ҳуқуқу волоияти қонун, амнияти миллӣ ва сиёсати хориҷӣ таҳлил ва дар доираи онҳо вазифаҳо барои тамоми сохтору мақомоти давлатӣ дар соли 2019 мушаххас гардиданд.

**ДАР ИН РОСТО, МОВУ ШУМО СОКИНОН ЧИ ВАЗИФАВУ МАСЪУЛИЯТҲО ДОРЕМ?!** Бо инобати ин, дар ҳар шумораи нашри махсуси нашрияи "Ҳамрози халқ" вазифаҳои аҳли ҷомеа дар ростои ҳалли масъалаҳо вобаста ба 15 самти зикршуда ба нашр мерасанд.

Бо назардошти ин дар марҳилаи аввал вазифаи мо сокинон аз он иборат аст, ки:

1. Ба дарки аҳамияти сарибаст супоридани андоз ва дигар пардохтҳои давлатӣ расем, то буҷаи давлат ғанӣ гардида, сатҳи некӯаҳволӣ баланд гардад;

2. Корофар бошем ва ба амалисозии лоиҳаҳои гуногун дар заминаи ворид намудани технологияи муосир таваҷҷуҳ зоҳир намоем;

3. Нерӯи баркро оқилона ва сарфаву сарриштакорона истифода бурда, сарибаст ҳаққи хизмати онро пардохт намоем;

4. Дар якҷоягӣ роҳҳои байни деҳаву маҳаллаҳоямонро обод кунем;

5. Обу заминро самаранок истифода бурда, бо маҳсулоти тару тозаи деҳқонӣ бозорамонро таъмин ва коркарди онро ба хориҷи кишвар содир намоем;

6. Моҳияти пардохти ҳаққи хизмати истифода аз обро ҷиҳати бунёди инфрасохтори нави обкашӣ ва таъмини дигар сокинони кишвар бо оби ошомиданӣ дарк карда, аз тариқи ҳашар кашидани хатҳои об ба маҳаллаҳои навзорем;

12. Саҳми ҷавонону занонро дар корҳои созандагӣ бештар намуда, онҳоро дар ин самт рӯҳбаланд намоем;

13. Нисбати амалҳои номатлубе мисли терроризм, экстремизм ва коррупсия бо нафрати оштинопазир муносибат кунем;

14. Риояи қонунҳоро маҳаки асосии зиндагии бонизом ҳисобида, дар таъмини амнияти давлатӣ, ки амнияти шахсии ҳар яки мост, саҳм гузорем;

15. Бо қадршиносӣ аз заҳматҳои Пешвои миллат дар муаррифии арзандаи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, ҳар яки мо низ кӯшиш намоем, ки дар куҷое набошем, парчами нангу номи миллатро бо рафтору номи неки худ барафрозем.

Тавре Пешвои миллат дар фарҷоми Паёми худ дар мурожиат ба халқи шарафманди Тоҷикистон иброз доштанд: "Мо бояд аз истиқлолияту озодӣ ва соҳибватаниву соҳибдавлатӣ шукрона кунем, шукронаи Ватани соҳибистиқлолу маҳбубамонро ба ҷо орем, онро сидқан дӯст дорем, ба давлати соҳибистиқлоламон содиқ бошем, ҳамаи саъю талоши худро ба хотири пешрафтаву нерӯманд гардонидани он ва дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори Тоҷикистони азизамон равона кунем".

Аз ин рӯ биёед барои ободии ин Ватану сарсабзии ин сарзамин бо роҳи таҳкими Ваҳдати миллӣ ва суботи сиёсӣ софдилона хизмат намоем,

Биёед бо кору амали созандаи худ имрӯзи беҳтар аз дирӯз дошта бошем,

Биёед нерӯи созандаи худро баҳри ояндаи дурахшони Ватан ва рӯзгори босаодати фарзандонамон сафарбар созем.

# АЗ БАРНОМАИ ҲХДТ

*(Муҳимтарин самтҳои рушди мамлакат дар солҳои 2015-2020)*

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (минбаъд — ҲХДТ) зери шиори «Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!» садоқати худро ба арзишҳои соҳибихтиёрӣ, демократия, баробарҳуқуқӣ ва ошкорбаёнӣ эълон дошта, барои тараққиёти ҳамаҷонибаи Тоҷикистон тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ мегардонад. ҲХДТ дар ҳамаи ҷанбаҳои фаъолият, аз ҷумла пешбарии номзадҳо ба вакилӣ, иштирок дар фаъолияти Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ тавассути намояндагони худ дар доираи меъёрҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ва қонунгузории амалкунанда барои расидан ба ҳадафҳои хеш саъю талош хоҳад кард.

Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ аз ҳадафҳои асосии барномавии ҳизб бармеояд ва ҳамчун ҳуҷҷати раҳнамо барои расидан ба ин ҳадафҳо вазифаи ҳар як узви ҳизбро ҷиҳати рушди иқтисодиёт ва беҳбудии ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар муайян менамояд.

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншуда, ки аз сиёсати бобарор ва хирадмандонаи Раиси ҲХДТ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд, ҳизб тасмим гирифтааст, ки ҷиҳати таъмини ширкат дар рушди устувори ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳар як сокини мамлакат шароити мусоид фароҳам оварад.

Мо ҷиҳатҳои мусбати таҷрибаи солҳои қаблиро ба роҳбарӣ гирифта, бо дарназардошти натиҷаҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар, татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2015 ва истифодаи дигар имкониятҳои бузурги захиравӣ барои амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии мамлакат — таъмини истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ тамоми нерӯи худро равона месозем.

## ДАР САМТИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ИҚТИСОДӢ

ҲХДТ раванди инкишофи бонизоми иқтисодиётро ҷонибдорӣ намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро дастгирӣ менамояд.

Бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина мунтазам баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ҲХДТ пешбурди ҳафт самти афзалиятнокро то солҳои 2020 ҳадафи асосии худ қарор дода, барои амалӣ намудани онҳо ҷидду ҷаҳд мекунад.

1. Такмили сохтори иқтисодиёт, ки рушди бемайлони бахши воқеии иқтисодиёт ва афзоиши устувори маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакатро таъмин менамояд.

Барои татбиқи ин ҳадаф ҲХДТ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

- беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ, шаффофият ва дастрасии онҳо ба мардум, инчунин баланд бардоштани масъулияти хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати сари вақт ва сифатнок пешкаш намудани хизматрасониҳо;

- мусоидат ба иштироки васеи шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ ва қабулу татбиқи барномаҳои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт;

- иштирок дар таҳия ва татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030;

- бо дарназардошти иҷрои нишондиҳандаҳои барномаҳои қабулшуда таъмин намудани тавозуни сиёсати макроиқтисодӣ бо сиёсати рушди соҳавии иқтисодиёт ва маҳдуд кардани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ;

- пешгирии таъсири омилҳои манфии сиёсати иқтисодии ҷаҳони муосир ва таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ;

- ҷорӣ намудани механизми гузариши иқтисодиёти кишвар аз зинаи аграриву индустриалӣ ба зинаи индустриаливу аграрӣ бо роҳи ворид намудани технологияҳои ҳозиразамон ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, аз ҷумла рушди саноати истихроҷи маъдан, саноати металлургияи ранга ва тавлиди маҳсулоти ниҳоӣ аз онҳо, инчунин саноати сабук ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;

- гузариш аз роҳҳои анъанавии истеҳсолот ба усулҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ, бахусус дар саноат ва кишоварзӣ, инчунин таъсиси корхонаҳои муосири саноатӣ бо роҳи ташкили технопаркҳо ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

- истифодаи самараноки захираву манбаъҳои барқароршаванда ва рӯ овардан ба "иқтисоди сабз" бо мақсади ғамхорӣ ба наслҳои ояндаи миллат;

- паст намудани таъсири тағйирёбии иқлим ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо роҳи дастгирии давлатии корҳои илмиву таҳқиқотӣ ҷиҳати ба вуҷуд овардани навъҳои нави зироатҳои серҳосил ва чорвои хушзот;

- самаранок истифода бурдани заминҳои корам, алалхусус заминҳои корами обӣ, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда;

- таъмин намудани рушди бемайлони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии рақобатпазир, ислоҳоти равандҳои истеҳсолӣ, обёрӣ, заминдорӣ ва идоракунии соҳа, инчунин зиёд кардани ҳиссаи маҳсулоти кишоварзии ба содирот нигаронидашуда тавассути такмили механизмҳои хоҷагидорӣ;

- ҷорӣ намудани механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ;

- коҳиш додани тамоюли манфии гардиши савдои хориҷӣ ва суръат бахшидан ба раванди диверсификатсияи содироти кишвар;

- бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ мутобиқ гардонидани иқтисодиёти кишвар ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва дигар созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ;

- баланд бардоштани мавқеи соҳаи сайёҳӣ дар иқтисодиёти миллӣ.

*(идома дар шумораи оянда)*

ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!

# АХБОРИ ҲИЗБӢ

▶ Бо ташаббуси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Қубодиён дар доираи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" бо ҷалби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар ноҳия сохтмони пули деҳаи Пакала бо маблағи 80 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шуд.

▶ Бо сафарбаркунии Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Дӯстӣ сокинон деҳаи Лаби дарёи ноҳия ба ҳашари умумӣ баромада, дар навбати аввал 300 метр роҳи байни деҳаи навро сангфарш намуда, тасмим гирифтаанд, ки то охири моҳ боз 200 метри боқимондаи роҳро сангфарш намоянд.

▶ Бо ибтикори Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ дар ташкилоти ибтидоии ҳизбии «Шамс»-и ҷамоати шаҳраки Балх дар доираи Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" бо иштироки сокинони маҳалла ҷӯйҳои обгузар тоза карда шуданд.

▶ Бо ташаббусу ҳидоятҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Балҷувон дар доираи Аксияи тарғиботӣ-амалӣ ҳизбӣ тахти унвони "Якҷоя ҳал мекунем!" кад-кади роҳи ноҳиявӣ аз ташкилоти ибтидоии ҳизбии деҳаи "Мулкон" то ташкилоти ибтидоии ҳизбии деҳаи "Хироб"-и ҷамоати деҳоти Балҷувони ноҳияи Балҷувон дарахти арча шинонида шуд.

▶ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Бохтар бо сафарбар намудани сокинон ва соҳибкорон ба корҳои созандагӣ 300 метр роҳҳои байни маҳалаи ба номӣ Ҷ. Балхии шаҳрро сангфарш кард.

▶ Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияии Кушониён аз тариқи дуруст сафарбар намудани корҳои хайру сахои сокинон ба он мусоидат кард, ки ба чор оилаи ниёзманд ба маблағи 2000 сомонӣ маводи хӯрока кӯмак карда шавад.

ЯК ҲИКОЯ

## ДАР ФАЗИЛАТИ ХАЙРУ САХО



Занеро шавҳараш аз дунё гузашт ва барои рӯҳи ӯро шод кардан шабҳои ҷумъа ғизое омода мекард ва ба фарзанди ятими худ медод, то ба ҳамсояҳо расонад.

Кӯдаки маъсум бо он ки аз он ғизои махсус бенасиб буд, яъне зан аз ғизои тайёр кардааш танҳо онро ба ҳамсояҳо тақсим мекард ва кӯдаки бечора бо оби даҳон ба хона бармегашт.

Шабе ҳангоми бурдани ғизо косаи сабри кӯдак лабрез шуд ва онро худаш хӯрд.

Он шаб зан шавҳарашро дар хоб дид, ки ба ӯ мегӯяд: "Танҳо ғизои имшабаат ба ман расид".

Зан аз хоб бедор шуд ва бо камоли шигифтӣ аз фарзандаш пурсид:

- Дишаб ғизоро ба ки додӣ ва он шабҳои дигар низ ба ки медодӣ?

Кӯдак дар ҷавоб гуфт:

- Ман шабҳои гузашта ғизоро ба ҳамсояҳо медодам ва чун дишаб зиёд гуруснa будам ва аз бӯи хуши ғизо оби даҳонам рафт, онро худам хӯрдам.

Пас аз ин зан донист, ки беҳтарин кор барои шод кардани рӯҳи шавҳараш ин аст, ки фарзанди ятими ӯро сер нигаҳ бидорад.

Ҳамчунин, дар урфият гуфтаанд, ки бояд пеш аз ҳама фарзандони худро серу пур нигоҳ дошт ва баъдан ба дигарон хайр кард.

*Ҳ. ЗАРИФОВ*



# ҶАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

▶ Бар асари задухӯрди мусаллаҳонаи нерӯҳои ҳукуматӣ бо ҷангҷӯён дар шаҳри Триполии Либия 13 нафар ба ҳалокат расида, зиёда аз 50 каси дигар ҷароҳат бардошт;

▶ Дар шаҳри Баготаи Колумбия шумораи ҳалокшудагон бар асари амали террористӣ ба 21 нафар расида, 68 каси дигар бо ҷароҳатҳои гуногун дар беморхонаҳо бистарӣ карда шуд;

▶ Бар асари рух додани силсилаи ҳодисаҳои террористӣ дар як моҳи ахир дар Миср, ки боиси ҳалокати садҳо нафар гардид бо қарори Парлумони ин кишвар вазъи фавқулода ба муҳлати се моҳи дигар тамдид карда шуд;

▶ Дар натиҷаи ҳамлаи гурӯҳи силоҳбадастон ба қароргоҳи ҳарбии нерӯҳои амнияти миллии Афғонистон дар вилояти Вардак 126 нафар аз кормандони таъиноти махсуси ин кишвар ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар ҷароҳат бардоштанд.

▶ Нерӯҳои амниятии Ҷумҳурии исломии Афғонистон зимни амалиёти ҳарбӣ-ҳавоӣ дар шаҳри Майдоншаҳр созмондиҳандаи амали мудҳиши террористӣ дар қароргоҳи ниҳоди мазкур дар вилояти Вардакро бо 7 ҳаммаслакаш нобуд карданд;

▶ Кормандони мақомоти қудратии Марокаш аз гурӯҳи қоҷоқчиён зиёда аз 13 тонна маводи нашъаоварро дарёфт ва мусодира карданд;

▶ Дар вилояти Пактикои Ҷумҳурии исломии Афғонистон ҳангоми безарар кардани мушак аз тарафи сокинони осоишта таркиш рух дода, дар пайи ҳодиса 6 нафар, аз ҷумла 2 кӯдак ҷон бохтанд;

▶ Тибқи маълумоти намояндагони сандуқи кӯдакони СММ "Юнисеф" давоми як моҳи охир дар Сурия аз сардии ҳаво 15 нафар кӯдак ба ҳалокат расидааст;

▶ Барфу сармои шадид дар қисми шимолу шарқии Штатҳои Муттаҳидаи Америка боиси марги 12 нафар шуд;

▶ Дар Индонезия бар асари боришот ва обхезӣ 26 нафар ҳалок шуда, даҳҳо каси дигар бенишон гардиданд;

▶ Дар қисми шимолу шарқии Штатҳои Муттаҳидаи Америка дар натиҷаи бориши барф ва сардӣ шаршараи Ниагара қисман ях бастаас, ки коршиносон онро фоҷиаи экологӣ медонанд;

▶ Дар ҷазираи Сулаветсии Индонезия боришот обхезиро ба миён овард, ки бар асари ин офати табиӣ 26 нафар ба ҳалокат расида, 24 нафари дигар бенишон гардиданд;

▶ Дар резишгоҳи Керчии Федератсияи Россия ду киштии боркаш оташ гирифта, дар натиҷа 14 маллоҳ ба ҳалокат расид ва 14 каси дигар аз ғарқшавӣ наҷот дода шуданд, ки маллоҳон шаҳрвандони Ҳиндустон ва Туркия буданд;

▶ Дар яке аз қубурҳои интиқолдиҳандаи сӯзишворӣ дар Мексика таркиш бар амал омада, бар асари ин ҳодиса беш аз 20 нафар ҳалок ва зиёда аз 70 каси дигар маҷрӯҳ гардид;

▶ Резиши ҷинсҳои кӯҳӣ дар яке аз конҳои Руанда боиси марги 14 нафар гардида, чандин тани дигар захмӣ шуданд;

▶ Дар натиҷаи барфи зиёд ва тармафароӣ дар минтақаҳои кӯҳии Австрия ва Олмон 9 нафар ба ҳалокат расида, даҳҳо нафари дигар дар беморхонаҳо бистарӣ гардиданд;

▶ Дар як минтақаи кӯҳии шаҳри Залсбурги Олмон дар натиҷаи фаромадани тарма ду сайёҳ ба ҳалокат расид;

▶ Дар соҳилҳои Туркия воқеъ дар баҳри Сиёҳ киштии боркаш ғарқ шуд, ки дар пайи ҳодиса 6 нафар маллоҳ ғарқ ва 7 нафари дигар наҷот ёфтанд;

▶ Дар наздикии ҷазираи Ламаи Ганконг дар киштии интиқолдиҳандаи нафт таркиш рух дод, ки баъдан сӯхтор ба амал омад, дар натиҷаи ин офат як нафар ҷон бохта, чанд нафари дигар ҷароҳат бардоштанд.

# ХАНДА ҲАМ ДОРУСТ...



***

-Сардорамон одами ноуҳдабаро. На аз уҳдаи гап мебарояду на корро пеш бурда метавонад. Муомилаш ҳам бад, гуфт марде.

-Ин тавр бошад, ҷаро камбудиашро танқид намекунӣ?

-Ҳоло сабр кун, аз кор равад, ана баъд рӯзашро нишон медиҳам!

***

Як донишҷӯ баъд аз хатми донишгоҳ зангир мешавад. Ба хонаи як марди сарватманд хостгорӣ меравад.

Донишҷӯ:

-Ман нав донишгоҳро хатм кардам, соҳиби маълумоти олӣ, мехоҳам оиладор шавам.

Марди сарватманд:

- Ман 3 духтар дорам, яктоаш 18-сола, дуюмаш 25-сола ва сеюмаш 32 сола.

Агар ба 18-сола хонадор шавӣ 18 ҳазор $ медиҳам, 25-соларо гирӣ 25 ҳазор $, 32-ро гирӣ 32 ҳазор $ ҳадя мекунам.

Донишҷӯ:

Тағо, ягон духтари 40-50 сола надоред?

***

Харе ҷон медод. Рӯбоҳе омад болои сараш.

Хар гуфт:

– Ҷаро ин ҷо нишастаӣ?

Гуфт:

– Нишастаам, ки ту бимирӣ ва аз гӯштат бихурам.

Хар гуфт:

– Ман то чаҳоршанбе нахоҳам мурд!

Рӯбоҳ гуфт:

– Ман ҳам то ҷумъа бекорам.

***

Як шахси мутаассиб ба марди солманде мегӯяд: Ту пир шудаӣ ва умре табоҳ кардай, тавба бикун ва ба ҳаҷ рав.

Гуфт: Харҷи сафари ҳаҷ набошадам.

Гуфтанд: Хонаатро бифурӯшу сарф кун.

Гуфт: Чун бозгардам, куҷо сукунат гузинам? Ва агар бознагардаму сокини хонаи Каъба монам, Худоям намегӯяд: Эй аблаҳи нодон, аз чӣ рӯ хонаи худ бифурӯхтӣ ва дар хонаи ман манзил гирифтӣ?

***Хонандаи азиз! Нашре, ки Шумо дар даст доред, тариқи ройгон ба сокинон аз ҷониби Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дастрас гардидааст. Эҳтиромона хоҳиш менамоем пас аз мутолиа онро беосеб барои хондан ба каси дигар, масалан, хешу табор, ҳамсоя ва шиносу рафиқонатон дастрас намоед. Барои ин аз Шумо миннатдорем!!!***

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон

Масъули ҷоп:
Орзу ҲАМИДИЁН

Котиби масъул:
Аловуддин АМИРЗОДА

Ҳайати мушовара:
Қурбон ҲАКИМЗОДА,
Махфират ХИДИРЗОДА,
Абдулло РАҲМОНЗОДА

Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Хусейн САИДОВ

*Тарроҳ:*
*Хусрав МАЗОРИЕВ*

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ нашр мешаванд, ки ба мавкеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия тахти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Суроға:
735140, ш. Бохтар,
кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92,
2-70-70



Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 101840 нусха*